# МАТНҲОИ ХУСУСИЯТИ ВАТАНПАРВАРИДОШТА ДАР КИТОБИ “САВОДОМӮЗИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА ХОНИШ”

**Саломов Анушервон Акрамович**
Донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов
E-mail: anushervon.salomov@mail.ru

## АННОТАТСИЯ

Дар мақолаи мазкур доир ба аҳамияти матнҳои хусусияти ватанпарваридошта дар китоби дарсии саводомӯзии забони модарӣ ва хониш дар синфҳои ибтидоӣ маълумот дода шудааст.

**Калимаҳои такягоҳ:** Ватан, Истиқлол, Ўзбекистони нав, саводомӯзӣ, ҷаҳонбинӣ, ҳисси ватандӯстӣ, тафаккури эҷодӣ.

# PATRIOTIC TEXTS IN THE BOOK “MOTHER LANGUAGE AND READING LITERACY” FOR THE THIRD CLASS

## ABCTRACT

This article discusses the importance of patriotic texts in the textbook of mother tongue and reading literacy in primary grades.

**Key words:** Independence, New Uzbekistan, literacy, homeland, worldview, sense of patriotism, creative thinking.

Ҳар як фанне, ки дар мактабҳо ба донишомӯзон омӯзонида мешавад, албатта, барои ба камол расидани насли наврас ва ба ҳайси шахсияти ҳамаҷониба бомаърифату ба ҷомеа нафърасон шудан аҳамияти калон дорад. Махсусан, мактаби ибтидоӣ ҳамчун таҳкурсии ояндаи насли наврас нақши муассир дорад. Метавон афзуд, ки то чӣ андоза мустаҳкам будани таҳкурсӣ бевосита ба фанҳои дар синфҳои ибтидоӣ омӯхташуда вобаста аст. Дар байни фанҳое, ки дар синфҳои ибтидоӣ омӯзонида мешаванд, саводомӯзии забони модарӣ ва хониш мавқеи назаррас дорад. Ин фан пештар ҳамчун фанҳои алоҳида омӯзонида мешуда бошад, ҳоло чун як фан муттаҳид сохта шудааст. "Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш"-е, ки барои донишомӯзони синфи сеюми мактабҳои таълими умумӣ аз тарафи Таваккал Чориев ва Ҷумъаназар Эшонкулов (Тошканд, Маркази таълими Республика, 2022) ба чоп ҳозир карда шудааст, яке аз чунин китобҳо ба шумор меравад.

Воқеан, имрӯзҳо дар мамлакатамон дар тамоми соҳаҳо бар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ислоҳоти бунёдӣ сурат гирифта истодааст. Мо баръало мебинем, ки ин ислоҳот дар мисоли ҳамгироии фанҳои саводомӯзии забони модарӣ ва хониш аз системаи таълим фурӯгузор нашудааст. Умуман, ин ду фан ба ҳамдигар хеле наздиканд. Ба таври алоҳида таълим додани онҳо мувофиқи матлаб набуд. Якҷоя шудани ин ду фан, бешубҳа, фанҳои синфҳои ибтидоиро мӯҷаз кард.

Ҷоизи таъкид аст, ки китоби дарсии мавриди назар ба ҳама талабҳои дар назди стандарти давлатӣ гузошташуда пурра ҷавобгӯст. Маводи таркиби он аз нуқтаи назари таълимию тарбиявӣ хеле мукаммал интихоб гаштааст. Хусусан, дар таркиби он матнҳои ба Ватан ва ватандустӣ бахшидашуда зиёд ба назар мерасанд. Онҳо ҷузъи асосии маводи китобро ташкил медиҳанд.

Дар фасли якуми китоби дарсӣ, ки "Ватан ифтихори мост" ном дорад, даҳто мавзӯи илмӣ-оммавӣ аз қабили, "Ҷашни Истиқлол" (саҳ. 6), "Зи нури поки Истиқлол" (саҳ,7). "Ватан, ту модари ҷонам!" (саҳ, 9), "Ватан – имрӯзу фардоям" (саҳ. 10), "Муҳофизати табиат" (саҳ, 11), "Мешавад аз кишвари ман чилвагар" (саҳ. 13) фароҳам оварда шудааст.

Дарси якуми китоб бо матни "Ҷашни Истиқлол" оғоз меёбад. Донишомӯзон дар дарси аввалин кай эълон гардидани Истиқлоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ба шарофати Истиқлол ба беҳтарин неъмат – “озодӣ” мушарраф гаштанамон хеле содаю муассир таъкид гардидааст. Дар давоми дарс донишомӯзони хурдсол ҳамчунин бо рамзҳои давлатӣ, мазмун ва моҳияти онҳо ошноӣ пайдо мекунанд. Дар фасли чоруми китоби дарсӣ ("Бунёдкорӣ ва сохтмонҳои тозабунёди диёрамон") низ як қатор матнҳое ҷой гирифтанд, ки барои инкишоф додани ҳисси ватанпарварию меҳнатдӯстии донишомӯзон равона гардида, аҳамияти зиёди тарбиявиро моликанд. Инҳо матнҳои "Боғи Ӯзбекистони нав ва Муҷассамаи Истиқлол" (саҳ. 30), "Боғи ғалаба" (саҳ, 32) ва "Мижек сити – шаҳраки муъҷизавӣ" (саҳ, 34) мебошанд. Дар матнҳои болоӣ бунёдкориҳои бошукӯҳу муъҷизавӣ ва истироҳатии кишварамон хеле дилписанд ва шавқовар ба қалам гирифта шудааст. Дар фаслҳои дигари китоби дарсӣ аз гуфтаҳои бузургонамон бо фахр нақл карда шудааст, ки ҳангоми хондану омӯхтани ин матнҳо дар дили ҳассоси донишомӯзон ҳисси ифтихор аз гузаштагони барӯманди хеш лабрез мешаваду хоҳиши ба онҳо муносиб шудан бедор мегардад. Ба ин матнҳои "Ривояти Санҷиш", "Танга дар зери курсӣ", "Вазири ободкор", "Наққош ва минётурнигори маъруф", "Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад"-ро мисол овардан мумкин аст.

Дар боби "Комилҳуқуқии инсон" доир ба қонуни асосии давлати мо, кафолати ҳуқуқҳои кӯдакон, уҳдадорӣ ва масъулияти падару модар дар

тарбияи фарзанд, аз кадом давр оғоз ёфтани комилҳуқуқии инсон, ҳуқуқи зистан, ҳуқуқи баробарӣ, ҳуқуқи дониш омӯхтан, ҳуқуқи дар оила тарбия гирифтан, ҳуқуқи касбинтихобкунӣ сухан меравад.

Дар китоби дарсӣ шеърҳои тараннумгари Ватан низ бисёр ба назар мерасанд. Ба инҳо шеърҳои "Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар", "Кай калон мешавам?"-и Озод Аминзода, "Сарҳадбонӣ"-и М.Ҳайдаршоҳ, "Дар канори Ватан"-и Муҳиддин Фарҳат, "Меъморбачаҳо"-и Бобо Ҳоҷӣ, "Деҳи мо саҳни кор аст"-и Убайд Раҷаб ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Шеърҳои мазкур бо забони содаю ширинашон тез дар хотири донишомӯзон нақш мебандаду дар дили кӯчаки онҳо меҳри Ватанро дар мисоли зодгоҳу наздиконашон ҷо месозад. Дар ороиши китоб низ манзараҳои дилфиреби Ватан, муваффақиятҳои дар соҳаҳои гуногун бадастовардаи он дар расмҳои рангин акс ёфтааст, ки ба донишомӯзон ҳисси ватанпарварию меҳнатдӯстиро барангехта, онҳоро ба меҳнати ҳалол ва самарабахш ҳидоят менамояд. Ҳамин тариқ, дар китоби дарсии мавриди таваҷҷуҳ маводи хусусияти ватанпарваронадошта хеле бисёр буда, ҳамаи онҳо ба синну сол ва ҷаҳоншиносии донишомӯзон мувофиқ интихобу баррасӣ гаштаанд. Ин гуна равиш қимати таълимию тарбиявии китобро пурқувват гардонидааст.

## ФОЙДАЛАНИЛГАН АДАБИЁТЛАР РЎЙҲАТИ: (REFERENCES)

1. Авлиёқулов Н.Х. Замонавий ўқитиш технологиялари. – Тошкент, 2001.
2. Азизхўжаев Н.Н. Замонавий педагогик технологиялар – Тошкент, 2002.
3. Т.Чориев ва диг. Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш. Китоби дарсӣ барои синфи 3 (Қисми 1-ум). – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022.
4. Т.Чориев ва диг. Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш. Китоби дарсӣ барои синфи 3 (Қисми 2-ум). – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022.
5. Т.Чориев, Ҷ.Эшонкулов. Методикаи таълими саводомӯзии забони модарӣ ва хониш. Барои омӯзгорони синфи 3-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ. – Тошканд, 2022.